**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**аз 02 июли соли 2025, №64** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзуи «Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи роҳбари илмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бегматов, тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Салимова Муҳайё Музафаровна - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Умаров Х., д.и.и., профессор Ш.Раҳимзода, д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М., аъзоёни шурои диссертатсионӣ, д.и.и., профессор Раҳимзода Ҳ.Р., д.и.и., профессор Қандиёрова Д.О., д.и.и., профессор Мирсаидов С.А. ва раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н., Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Солиев Нодирҷон Амрохонович,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзуи «Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Солиев Нодирҷон Амрохонович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Солиев Нодирҷон Амрохоновичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Факеров Ҳ. Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**02 июли соли 2025**